**Фишурдаи матбуотӣ**

## Ҳодисаи таркиши мина дар ноҳияи Ванҷ

5-уми Сентябри соли 2006

Дар натиҷаи таркиши минаи зидди инфиродӣ, ки дар таърихи 1 сентябри соли 2006 тахминан соати 16.30 дар болои кӯҳи назди деҳаи Хихики ноҳияи Ванҷ ба амал омад, як нафар ҳалок гардид.

Тақрибан дар соати 18.00 ба сардори яке аз гурӯҳҳои ба безарарсозии минаҳо, воқеъ дар ноҳияи Ванҷ, Худойдод Ваххобов иттилоъ доданд, ки дар назди деҳаи Хихики ноҳияи Ванҷ (7 км дуртар аз қароргоҳи гурӯҳ) таркиши минаи зидди инфиродӣ ба амал омад ва як нафар ҷароҳати ҷиддӣ гирифтааст. Ваххобов, духтури гурӯҳ Зарофат Маҳмудова ва ду минаҷӯ бо мошини ёрии таъҷилӣ ба ҷойи ҳодиса рафтанд.

Бинобар сабаби дар масофаи тахминан 2,5 км. дар болои кӯҳ рух додани ҳодисаи таркиш, Ваххобов ва 2 минаҷӯ барои муайян кардани ҷабрдида ва ба назди духтур овардани маҷрӯҳ ба он ҷо ҳаракат намуданд. Баробари расидани ба мавзеи ҳодиса онҳо ҷабрдидаро бо як нафар аз ҳамдеҳагони ӯ дар канори роҳ вохӯрданд ва дида мешуд, ки аз ҳарду пойи ӯ хуни зиёд рафтааст. Мутаасифона, вақте ки маҷрӯҳ ба назди мошини ёрии таъҷилӣ фароварда шуд (барои ин 22 дақиқа вақт лозим шуд), ӯ ҳалок гардид.

Ҷабрдида марди 54-сола, Зағирдавлат Гандумов, истиқоматкунандаи деҳаи Шауд буда барои ҳезум ба кӯҳ рафта буд ва баъди ин таркиш ӯ зану фарзандонашро бе саробон монд.

МТММ тасдиқ менамояд, ки ин минтақа барои аҳолии маҳалӣ чун қитъаи хатарнок ҳисоб мешавад. Мутаасифона, имсол ин ҳодисаи 5-ӯмини ҳалокшавии одамон аз мина мебошад ва илова ба ин 11 нафар аз таркиши мина маҷрӯҳ гардиданд.

Новобаста ба ин ҳодисаҳои нохӯш, амалиёти безарарсозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то вақти мавҷуд будани маблағ идома меёбад. 4 гурӯҳи безарарсози минаҳо дар манотиқи гуногуни кишвар, аз ҷумла дар ноҳияи Ванҷ аз аввали мавсими корӣ (аз моҳи апрел) ба безарарсозӣ машғул мебошанд. Аз оғози барнома инҷониб масоҳати зиёда аз 260 000 м. мураббаъ замини хатарнок безарар сохта шудааст. Дар натиҷаи амалиётҳои безарарсозӣ зиёда аз 2000 минаҳо ва зиёда аз 700 маводи натаркида ошкор ва нобуд карда шуданд.

Барномаи миллии амалиёти зидди минаҳо дар Тоҷикистон тавассути дастгирии молиявии ҷомеаи ҷаҳонӣ фаъолият менамояд, вале бинобар сабаби дастгирӣ ва маблағҷудокунии нокифоя ба мушкилот рӯ ба рӯ мебошад. Гарчанде, ки ноҳияи Ванҷ чун минтақаи афзалиятноки безарарсозӣ муайян шудааст, лекин таъхирандозии мунтазам (бинобар сабаби маблағҷудокунии нокифоя) ба амалиёти безарарсозӣ монеа мегардад. Умед мекунем, ки донорҳо барномаи миллии амалиёти зидди минаҳои Тоҷикистонро дар соли 2007 бо мошинҳои механикии безарарсозӣ ва технологияи нав муҷаҳҳаз намудан дастгирӣ менамоянд ва амалиётҳо дар минтақа зиёд гардида, такрорёбии чунин ҳодисаҳои нохӯш дар оянда пешгирӣ карда мешавад.